# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)**

Дигаргуниҳои азиме, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омада истодаанд, боиси тағйироти куллӣ дар фазои иҷтимоӣ-сиёсии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, дар низоми таҳсилоти ватанӣ мегарданд. Ҳадафи аслии таҷдиди сифатии тарбия – таҳкими иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бартарафсозии ақибмонӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, рушди фарҳанги маънавии ҷавонон, баланд бардоштани мавқеи иҷтимоӣ ва ахлоқии шахсият мебошад. Дар асл, оид ба азнавсозии муттасил ва мунтазами иқтидори маънавӣ ва фарҳангӣ дар доираи консепсияи миллии дигаргунсозии сифатии таҳсилоти умумӣ сухан меравад, ки тавассути он гузариш ба таҳсилот ва тарбияи сифатан нав, ташаккули рафтори иҷтимоии шахсияти донишҷӯёнро метавон амалӣ намуд.

Муассисаҳои таълимии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои тарбиявиеро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки ба фаъолияти донишҷӯён таъсири мусбат мерасонанд. Корҳои зиёде амалӣ мешаванд, ки ба натиҷанокӣ ва татбиқи сифатҳои маънавӣ ва фаъолияти тамоюлноки донишҷӯён нигаронида шудаанд. Дар муассисаҳои таҳслоти олии касбӣ бо мақсади таъсири мусбат расонидан ба ташаккули шахсияти оянда, аз ҷумла дар самти тарбияи рафтори иҷтимоӣ, мубрамсозии шахсияти донишҷӯён тавассути фарҳанги инноватсионӣ мунтазам корҳои ҳадафманд роҳандозӣ мегарданд.

Муассисаҳои таҳслоти олии касбиро ҳамчун низоми иҷтимоӣ, институти иҷтимогардонии инсон баррасӣ намудан мумкин аст, ки дар он ташаккули чунин ҷиҳатҳои хислати шаҳрвандон шакл мегиранд, ки дар ҳаёту фаъолияти минбаъдааш дар ҷомеа ёрӣ хоҳанд дод.

Унвонҷӯ Ҷиёнзода Зулфия ба мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Дар ин асос **мақсади таҳқиқот**ро шароитҳои педагогии асосноккунии назарияи мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва татбиқи амалии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намудааст.

Падидаи **навгонии илмии таҳқиқот** таҳияи амсилаи мушаххасгардонии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар асоси таҳлили омилҳои беруна ва дохилӣ дар бар гирифта, амали муштараки омилҳоеро инъикос менамояд, ки раванди таълимиро мукаммал месозанд. Дар ин робита дастгоҳи илмии таҳқиқот дақиқ карда шуда, таърифҳои муаллифии мафҳумҳои калидӣ дар заминаи дигаргуниҳо ва пешравиҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дода шуданд,

асосҳои педагогии хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ошкор ва муайян карда шуданд, консепсияи идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён ҳамчун барандагони инноватсия дар асоси назарияи мубрамсозии шахсият таҳия шудааст. Ғояҳои асосӣ бо омилҳое муайян шуданд, ки рушди шахсиятро муайян карда, мазмуни онҳоро асосҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии идоракунӣ ташкил медиҳанд. Меъёри арзёбии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, ки барои муайян кардани дараҷаи омодагии онҳо ба қабул ва эҷоди навовариҳо пешбинӣ карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ва роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳияи барномаҳои асосии касбии таҳсилотӣ ва барномаҳои корӣ дар соҳаи маориф мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву методӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту мавзуи (предмети) таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудааast.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявӣ-методологии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» назарияҳо оид ба анъанаҳо ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва таҳсилот таҳлил гаштаанд, инчунин технологияҳои муосир ҳамчун қисмати фарҳанг ва таҳсилот баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки фарҳанг на танҳо як зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ аст, балки омили муҳими рушди ҷомеа, фарҳанг ва инсон мебошад. Ҳифз ва рушди фарҳанг, дар шароити ҷаҳонишавӣ, вазифаи муҳими ҳар як ҷомеа мебошад, зеро он ба таъмини идомаи таърихӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат мекунад. Барои расидан ба ин ҳадаф, зарур

аст, ки стратегияҳои мушаххаси сиёсати фарҳангӣ таҳия карда шаванд, ки дар асоси арзишҳои умуминсонӣ бунёд ёфтаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Муайян намудани шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» асосҳои илмӣ, ғояҳои асосӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди татбиқгардии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки қисмати мазкури мафҳумҳои методологӣ, назариявӣ ва технологӣ бо чунин мафҳумҳо, ба монанди «ҷомеаи инноватсионӣ», «шахсияти инноватсионӣ», «фаъолияти инноватсионӣ», «нерӯ и инноватсионии шахсият» бевосита ва бавосита робита доранд, ки ба психология ва педагогикаи муосир қиёсан на чандон дер зери таъсири инноватсияҳо дар коркардҳо ва амалияҳои дахлдори ҷомеашиносии идоракунии равандҳои инноватсионӣ ворид шудаанд.

Дар таҳқиқоти худ муаллиф бо роҳи таҷрибавӣ ба ошкор кардани хислатҳои шахсиятии донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазирӣ, ба таҷрибаи ҳаётӣ такя намудан, худмубрамсозӣ, масъулият ноил гардида, тағйирёбӣ ва рушди онҳоро пайгирӣ намудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Татбиқи шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаҳои пешниҳодгардида барои хулосаҳои минбаъда ва ташкили тавсияҳо асос маҳсуб мешаванд.

Дар асоси маълумоти мавҷудбуда консепсияи муаллифӣ таҳия гардидааст, ки равишҳои навро ба идоранамоии педагогии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ пешниҳод мекунад. Асоси консепсияи мазкурро амсилаи педагогие дар бар мегирад, ки ба рушди зарфияти инноватсионии ҳар як донишҷӯ равона гардидааст. Амсилаи мазкур хусусиятҳои инфиродӣ ва эҳтиёҷоти донишҷӯён ва вижагиҳои муҳити таълимиро ба эътибор мегирад.

Амсилаи сохтории пешниҳоднамудаи муаллиф татбиқнамоии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ тамоюли дақиқ барои ноил гардидан ба дастовардҳои мушаххасро доро мебошад, ки он ба рушди зуҳуроти фаъоли шахсият марбут буда, ба фаъолияти натиҷабахши инноватсионии онҳо мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ кор карда шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» ба талаботи Низомномаи КОА-и

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогика МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Холмуродов Ф.Р.

Имзои Ф.Р. Холмуродовро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992) 3233-25481; Моб.: (+992) 908 22 22 34.
Email: faridun.kholmurodov@mail.ru

13.06.2026